# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич дар мавзӯи «Таҳияи таркиб ва технологияи шакли дору дар асоси моддаҳои фаъоли биологии чойкаҳаки шахшул, ки дар Тоҷикистон мерӯяд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фарматсевтӣ аз рӯи ихтисоси 14.04.01-Технологияи тавлиди доруворӣ пешниҳод шудааст**

Таҳия, таҳқиқ ва дар амалияи тиббию фарматсевтӣ истифода намудани маводи доруворӣ дар асоси ашёи ватанӣ ҷузъи сиёсати доруворӣи ҳар як мамлакат мебошад. Ҳалли ин вазифа дар баробари вусъат додани номгӯи бозори фарматсевтӣ, инчунин ба болоравии дастрасии вокеъӣ ва иқтисодии маводи доруворӣ, пешгирии воридоти доруҳои қалбакӣ мусоидат мекунад. Барои таҳияи маводи доруворӣи босамар ва бехатар дар баробари ҷузъи фаъоли фарматсевтӣ интихоби ратсионалии моддаҳои ёрирасон низ аҳамият дорад.

Аз ин нигоҳ оид ба мубрамияти диссертатсияи Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич, ки ба таҳияи технологияи ҳосил намудани экстракти ғализи ҷойкаҳаки шахшули Тоҷикистон ва таҳияи таркиб ва технологияи малҳам дар асоси он бо истифодаи гилҳои бентонитии ватанӣ бахшида шудааст, шубҳа нест.

Унвонҷӯ бори аввал таҳқиқи ботаникию фармакогностӣ ва фитохимиявии растании чойкаҳаки шахшулеро, ки дар Тоҷикистон мерӯяд гузаронидааст. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқот лоиҳаи дастури доруномавӣ таҳия шуда, аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори Ҷуҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

Реҷаи фармакотехнологии экстраксия, таъсири омилҳои гуногун аз қабили андозаи заррачаҳои ашё, намуди экстрагент, таносуби ашё ва экстрагент, усули экстраксия ба таври таҷрибавӣ ва назариявӣ асоснок шудааст.

Унвонҷӯ бори аввал таркиб ва технологияи малҳамро таҳия намудааст, ки дар он экстракти ғализи чойкаҳаки шахшул ҳамчун ҷузъи фаъоли фарматсевтӣ истифода мешавад.

Муаллиф бо истифодаи усулҳои биофарматсевтӣ дар таҷрибаҳои in vitro муайян намудааст, ки ҳомили ратсионалии субстансияи таҳқиқшаванда дар шакли малҳам, ки ба ихроҷи босуръат ва пурраи моддаҳои фаъоли биологӣ мусоидат мекунад, гилҳои бентонитии Тоҷикистон мебошанд.

Таҳқиқи безарарии биологӣ ва таъсири зиддиҷароҳатии малҳам дар таҷрибаҳои биологӣ гузаронида шудааст.

Тибқи натиҷаҳои физикию химиявӣ, химиявӣ, фармакотехнологӣ, биофарматсевтӣ ва биологӣ муаллиф регламенти технологии малҳамро

таҳия намудааст. Регламенти таҳиянамудаи унвонҷӯ дар шароити саноатӣ санҷида шудааст ва тавассути санад тасдиқ карда шудааст, ки технологияи таҳияшуда дар шароити саноатӣ бозтавлид мешавад ва мушкилӣ пеш намеорад.

Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалии ватанию хориҷӣ муҳокима шудааст. Оид ба мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ 15 кори илмӣ, аз ҷумла 1 нахустпатент, 4 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 фишурда дар маводи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шудааст.

Аз рӯи мубрамият, сатҳи таҳқиқоти илмӣ, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии он дар фарматсия кори диссертатсионии Рабиев Раҳматулло Маҳмадуллоевич, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи "Низомномаи намунавӣ дар бораи Шуроҳои диссертатсионӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад ва муаллиф барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯи ихтисоси 14.04.01– Технологияи тавлиди доруворӣ сазовор аст.

Муқарриз:
д. и.т., профессор, мудири кафедраи микробиология, вирусология ва иммунологияи МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" С. Саторов

Имзои С. Сатороврo тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои МТҒ
"Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" С. Муминзода

Маълумот барои тамос: Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" 734018 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Клара Сеткина-2, Тел: +992988569222

26.08.23